# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ)**

Кори таҳқиқотии Шукурзода Хуршеди Абдумумин ба мавзуи мубраму муосири педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ ҳангоми таълими “Назария ва практикуми ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ” бахшида шудааст. Масъалаи ошкорсозии нуфузи эҷодии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ - инкишофи мустақилияти он салоҳият ба таҳқиқот, тарбиявии маънавӣ ва фикрии яке аз масъалаҳои муосири таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ мебошад.

Омодасозии омӯзгорони оянда ҳамчун шахсиятҳои мустақил ва дорои фикррониии интиқодӣ, қобилияти таҳияи системаи таҳсилот, ҳамон вақт имконпазир мешавад, ки ҷабҳаҳои гуногуни таҷрибаи фаъолияти эҷодиро дар курсҳои донишҷӯйӣ гирифта бошанд. Бинобар ин, мақсад ва вазифаҳои донишгоҳҳои омӯзгорӣ аз он иборат аст, ки дар асоси дониш ва маҳоратҳои мустаҳкам дар донишҷӯён қобилият ба эҷодиёткориро инкишоф дода, онҳоро ҳидоят ба равандҳои таҳқиқотӣ омода намудан лозим меояд. Воқеан омӯзгори эҷодкор, омӯзгори таҳқиқотчӣ боиси фаъолияти амалисозии равандҳои навгониҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, барандаи технологияи педагогии нав шуда метавонад. Аз ин рӯ, масъалаи таҳлили омодагии касбӣ-методии омӯзгор пурзӯркунии назариявии коркарди масъалаҳои вобаста ба омодагии донишҷӯён оид ба фаъолияти эҷодӣ, таҳқиқотиро тақозо менамояд.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти педагогӣ, психологӣ, илмӣ-методӣ ва матбуоти даврӣ муаллиф ба хулосае омадааст, ки ташаккули донишу

мафҳумҳои математикиро зимни омӯзиши “Назария ва практикуми ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ” дар муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ оғоз намудан мумкин аст, ки ин дар натиҷа ба ташаккулёбии шавқу ҳаваси онҳо ба илми математика, ҷаҳонбинии илмӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ, тафаккури зеҳнӣ мусоидат менамояд.

Дар кор асосҳои методологии таҳқиқот мантиқан дуруст ба роҳ монда шуда, ба тамоили системавии таълим, тамоили рушди психологӣ, тамоили фаъолиятнокӣ оид ба ташкили фаъолияти таҳқиқотӣ, тамоилҳо оид ба омодагии касбӣ-методии омӯзгори оянда, назарияи ташаккули шахсияти омӯзгор ва омодагии он ба фаъолияти педагогӣ, нишондодҳо оид ба назария ва методикаи таҳқиқотҳои педагогӣ ва дигарон мухтасар ифода ёфтаанд.

Навгонии илмии тадқиқотро андешаҳои зерин ташкил медиҳанд:

✓ моҳият ва мазмуни омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун сифати ҳамгирои шахсият, ки муаллимониояндаро майли ворид шудан ба муҳити фаъолияти таҳқиқотӣ доранд, инчунин таҷрибаи иҷрои фаъолияти таҳқиқотиро дар ҳолатҳои стандартӣ ва ҳолатҳои проблемавӣ ба роҳ монда шудааст;

✓ муқаррар ва илман имкониятҳои бомувафақияти ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» асоснок гардида аст;

✓ меъёрҳо, дараҷаҳои омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ: мароқнокӣ (муносибати мусбӣ ба касби ояндаи худ, дарки моҳияти фаъолияти таҳқиқотӣ дар мувофиқатнокии худфаъолиятӣ); когнитивӣ (фаҳмиши методологӣ ва масъалаҳои таҳқиқотии педагогӣ, донишҳои мушаххаси фаннӣ ва ғайра); фаъолиятнокӣ (маҳоратҳои гностикӣ, маҳоратҳои лоиҳабандӣ, маҳоратҳои конструктивӣ, маҳоратҳои ташкилӣ, маҳоратҳои коммуникативӣ); рефлективӣ (қобилияти иҷрои таҳлил ва баҳодиҳӣ аз нуқтаҳои назари гуногун оид ба масъалаҳои мушаххас,

худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳии фаъолияти таҳқиқотӣ) хулосабарорӣ намуда аст;

✓ роҳу воситаҳои истифодаи таҷрибаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар раванди навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм ҳидоят карда аст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти Шукурзода Хуршеди Абдумумин аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он чунин қисми таркибӣ ба назария ва методикаи таълиму тарбия ворид шуд. Унвонҷӯ мафҳуми «Омодагии муаллимон ба фаъолияти таҳқиқотӣ» ҳамчун системаи ҳамгироии омӯзиши предметҳо, инчунин «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» барои ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ пешкаш гардида аст. Дараҷа ва меъёрҳои ташаккулёбии омодагии муаллимони оянда дар мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» муайян намуда аст.

Тасдиқ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар равади таълими Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва муаллимони синфҳои ибтидоии шаҳри Душанбе ба таври озмоиши омӯзишӣ ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои он таҳлилу ҷамъбаст карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҳаждаҳ номгуй мақолаҳои илмӣ чоп гардидааст, ки аз онхо панҷтояш ба маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ва КОА-и Федератсияи Россия тааллуқ доранд.

Автореферат пайдарпайии навишти мантиқӣ дошта, он дар сатҳи зарурии илмӣ мураттаб шуда, мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашударо дар бар мегирад. Инчунин дар автореферат тамсилаи назариявии ташаккул додани шавқу ҳаваси маърифатии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ва омода кардани онҳо ба омӯзиши мусалсали ин фан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муоина гаштааст.

Кори пешниҳодкардаи Шукурзода Хуршеди Абдумумин таҳқиқоти мустақилонаву ба анҷомрасида буда, ки навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ дорад ва ба талаботи Низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Тартиб додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ, ки ба бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи доктори фалсафа-PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Муқарриз, доктори илмҳои математика ва
физика, дотсенти кафедраи таҳлили математикӣ
ва муодилаҳои диффересиалии Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав: Ф. Шамсиддинов

Имзои Ф. Шамсиддиновро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав: Ҷ. Шукурзод